# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

Дар замони муосир таъмини амнияти иттилоотӣ дар радифи чунин навъҳои амният, аз қабили амнияти геополитикӣ, амнияти сиёсӣ, амнияти харбӣ, амнияти иқтисодӣ, амнияти демографӣ, амнияти экологӣ, амнияти маънавӣ-ахлоқӣ ва амсоли онҳо мақоми махсусро ишғол менамояд. Инсоният дар ибтидои асри XXI ба таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонии иттилоотӣ дучор омад. Ин бо он маънидод карда мешавад, ки дар тафовут аз даҳсолаҳои гузашта вазъи содиршавии ҷиноятҳо аз ҷумла, ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар шаклу намудҳои гуногун содир шуда, хатари бузург ба амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ифода мегардад. Барои ҳалли он, ҳам чораҳои таъсиррасонии сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва ҳам воситаҳои таъсиррасонии технологӣ истифода мегардад.

Муаллиф иброз намудааст, ки ҷиноятҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсионии электронӣ дар тамоми саҳаҳо содир мешаванд ва иншооти муҳимми инфрасохтори иттилоотӣ ва амнияти байналмилалии иттилоотӣ низ таҳти таҳдиди ҳамлаҳои киберӣ қарор доранд.

Ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ яке аз падидаҳои муҳимтарин ва калидии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор меравад. Вобаста ба мунтазам ивазшавии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти амнияти иттилоотӣ ва тағйир додани қонунгузорӣ мавзуи интихобнамудаи Исозода Файзиддин Исо аҳаммият ва мубрамии навро ба худ касб намудааст.

Дар таҳқиқот бо нишон додани далелҳои қонеъкунанда исбот карда мешавад, ки проблемаҳои назариявӣ ва амалии ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот то ҳол мавзуи ба таври дахлдор таҳқиқношуда мебошад.

Аз ҷиҳати методологӣ унвонҷӯ аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, санадҳо - сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихӣ, ва қонунгузории амалкунандаи кишварҳои хориҷӣ ва пасошӯравӣ фаровон истифода бурдааст. Дар заминаи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқии кишварҳои гуногун муаллиф тавонистааст, ки мафҳуми ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот ва дигар масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии ин ҷиноятро ба риштаи таҳлил кашад. Муаллиф аз адабиёти илмии таърихӣ ва муосир

низ ба тарзи васеъ ва моҳирона истифода бурдааст, ки он заминаи ба таври муътамад барои анҷом додани таҳқиқоти илмии пурарзиш имконият фароҳам овардааст.

Дар автореферат мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ баён гардидаанд, ки аслан дар онҳо мухтавои диссертатсия инъикос ёфтааст. Саҳми шахсии муаллиф ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳашон ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Исозода Файзиддин Исо навгониҳои барои ҳимоя пешниҳодшавандаро ба таври мушаххас ва содда баён намуда, илман асоснок намудааст. Ҷиҳати фарқкунандаи навгониҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда дар он аст, ки мафҳумҳо аз ҷониби муҳаққиқ муайян карда шуда, аз ҷониби муаллиф таъриф дода шудаанд. Дар маҷмуъ навгониҳои пешниҳодшуда дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ нав буда, лоиқи дастгирӣ мебошанд. Ҷиҳати мусбии дигари кор дар он мушоҳида мешавад, ки ба як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳодҳои судманд ироа шудаанд.

Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти мазкур баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасанд, ки онҳо мазмуни диссертатсияро коста накарда, баръакс аз ҷиҳати илмӣ эътиборнок мегардонанд. Аз ҷумла, дар автореферат бештар ба таҷрибаи кишварҳои пасошӯравӣ такя шудааст, вале таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи Аврупо, ки таҷрибаи бойтар дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ доранд, қонунгузории фарогир дар ин самтро доранд ба таври кофӣ баррасӣ нашудааст.

Новобаста аз эроди мазкур, бояд зикр намуд, ки муаллиф кори илмии мукаммал ва эҷодкоронаро анҷом додааст, ки он ба таври амиқ ва тахассусӣ ба таҳқиқ ва ҳалли масъалаҳои муҳими замони муосир дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ нигаронида шудааст.

Ҳамин тавр, автореферати таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Файзиддин Исо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷинояти барои ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ» ба талаботи муқаррарнамудаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Сарходими илмии шуъбаи ҳуқуқи
давлатии Институти давлат ва ҳуқуқӣ
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Иброҳимов С.И.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Салтиков-Щидрин хонаи, 25
E.mail: soleh 52@mail.ni, Тел: корӣ 221-65-85 Мобилӣ.:(+992) 934- 44- 41- 65

**Имзои Иброҳимов С.И.-ро тасдиқ мекунам:**
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Акрамов Т.С.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ
АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН * НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК

**Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 33. Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Тел.: +992(37)221-87-64, факс: +992(37)221-71-00
Почтаи электронӣ: info@anrt.tj. Сомонаи интернетӣ: www.amit.tj

«30» январи 2026 сол